# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАРИ ИЛМӢ-МЕТОДӢ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ПСИХОЛОГИ МАКТАБ

20-уми январи соли 2026 бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар толори Литсеи №4-и шаҳри Душанбе семинари илмӣ-методӣ дар мавзуи «Масъалаҳои асосии ташкил ва пешбурди фаъолияти психологи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» баргузор гардид. Семинар бо сухани ифтитоҳии Маҳмудзода Обидҷон – муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Бобозода Умедҷон – сармутахассиси муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе оғоз гардид. Зимни баромадҳо таъкид гардид, ки рушди низоми маорифи миллӣ, аз ҷумла, таҳкими хизматрасонии психологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб ёфта, он дар партави ташаббусҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегардад. Қайд карда шуд, ки бо ҳидоят ва дастгирии Пешвои миллат дар кишвар Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030 ва дигар барномаҳои соҳавӣ роҳандозӣ гардидаанд, ки ба фароҳам овардани муҳити солими таълимӣ, ҳифзи солимии психологӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон равона шудаанд. Дар семинар Абдурашитов Наимҷон – мудири шуъбаи психология ва инноватсияи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои психологӣ дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти психологи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ», Иматзода Лутфия – мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор дар мавзуи «Самтҳои асосии фаъолияти психологи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» ва Холмуродов Алишер – ходими илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими пажӯҳишгоҳ дар мавзуи «Машварати психологӣ ва роҳҳои баргузории он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» суханронӣ намуданд. Ёдовар мешавем, ки дар семинари мазкур психологҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе фаъолона иштирок намуда, оид ба масъалаҳои баррасишуда фикру мулоҳиза ва пешниҳоди худро иброз доштанд. Дар анҷоми семинар мубодилаи афкор, саволу ҷавоб ва муҳокимаи масъалаҳои мавриди назар сурат гирифта, аз натиҷаҳои баррасишуда хулосабарорӣ гардид.


Ҳар кӣ номӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ номӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.


Школьные учителя обладают властью,
о которой премьер-министры
могут только мечтать.






Ҳар кӣ номӯхт аз гузаши рӯзгор,
Низ номӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.




Агар хоҳӣ шудан бар сарварон сар,
Биомӯзу биандешу биофар.




ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
Душанбе – 2026


Ҳар кӣ номӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ номӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.